**Ҷадвали**
**мониторинги иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 маи соли 2014**

| Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. Вазорати рушди иқтисод ва савдо:<br><br>- якҷо бо Вазорати молия ва дигар мақомоти марбута механизми ҷорӣ намудани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавиро ба истисноӣ хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ба роҳ монда, ҷиҳати васеъ намудани доираи ширкатҳое, ки ба хизматрасонии суғуртаи ҳатмӣ машғуланд, чораҳои зарурӣ андешанд;<br><br>- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро мукаммал намуда, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд;<br>- якҷо бо вазорати молия аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта»-ро дар таҳрири нав таҳия намоянд. Лоиҳаи қонуни мазкур дар мӯҳлатҳои муқарраргардида мувофиқа ва қабул карда шавад. | Соли 2015 | ***Қисман иҷро шудааст ва мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо корҳои муайян анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла бо мақсади ба роҳ мондани механизми ҷорӣ намудани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ ба истисноӣ хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав дар моддаи 5-ум банди 3-юм заминаи ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар ин банд муқаррар карда шудааст, ки суғуртаи ҳатмӣ аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ, ки ба талаботҳои қонунгузорӣ ҷавобгӯ мебошанд, новобаста аз шакли моликият амалӣ гардонида мешавад.<br>Инчунин вобаста ба иҷрои банди додашуда лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта мукаммал ва бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа гардида, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод шудааст, ки аз 31 декабри соли 2014, №788 тасдиқ карда шуд.<br>Ҳамзамон дар назди Вазорати рушди иқтисоди ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми июли соли 2014 Гурӯҳи кории байниидоравӣ доир ба дар таҳрири нав таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» таъсис дода шуда, лоиҳаи қонуни мазкурро бо назардошти тавсияҳои Ҳисоботи гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои ҷаҳон омода намудааст.<br>Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғурта» дар таҳрири нав бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба баррасии ҷаласаи 15-уми Шӯрои Машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад. | |
| 2.Вазорати маориф ва илм якҷо бо | Мунтазам | ***Мавриди татбиқ қарор дорад.*** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ҷиҳати таҷдиди назар намудани низоми таълим, барномаҳои таълимии бахши суғурта ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосири бозори суғурта чорабиниҳои заруриро татбиқ намоянд. | | Вобаста ба банди мазкур қайд кардан зарур аст, ки айни замон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси суғурта барои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мутахассисони соҳаи суғурта тайёр карда мешавад. Ҳар сол тибқи нақшаи қабул 75 нафар (50 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 25 нафар дар шуъбаи ғоибона) хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба ихтисоси мазкур ба ин ду муассисаи таълимӣ дохил мегарданд.<br>Имрӯз аз рӯи ихтисоси мазкур 94 нафар донишҷӯ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 173 нафар донишҷӯ дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил карда истодаанд. Муассисаҳои таълимии мазкур бо нақша ва барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатии талаботи минимум ҳадди ақал ва китобҳои дарсию маводи таълимӣ-методии ихтисоси мазкур таъмин гардидаанд. Ҳамзамон бо корхонаю ширкатҳои суғуртавӣ ҷиҳати гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён қарордодҳои тарафайн ба имзо расонида шуда, тибқи он вобаста ба имконияти ширкатҳо донишҷӯёни ин ихтисосҳо таҷрибаомӯзии худро дар он ҷо мегузаронанд ва ба қадри имкон баъди хатми муассисаи таълимӣ дар ин корхонаҳо бо кори доимӣ таъмин карда мешаванд.<br>Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки бо назардошти талаботи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мондани заминаи моддию техникӣ ва бо кадрҳои дараҷа ва унвони илмидошта таъмин гардидан дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси суғурта тайёр намудани мутахассисонро ба роҳ монад.<br>Вобаста ба иҷрои банди додашуда аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ карда шудааст, аз ҷумла:<br>-таҷдиди назар намудани низоми таълим, барномаҳои таълимии бахши суғурта ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосири бозори суғурта;<br>-ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои тайёр намудани актуарийҳои суғуртавӣ ва мутахассисони соҳибихтисоси соҳаи суғурта бо ҷалби коршиносони байналмилалии бахши суғурта;<br>-ташкили сафарҳои хизматӣ ба хориҷи кишвар барои мутахассисони вазорату | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | идораҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққӣ;<br>-мунтазам сафарбар намудани омӯзгорони ихтисоси молиявии муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами таълими барномаҳои суғурта дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои мутараққӣ ва ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисос аз ҷониби ин омӯзгорон дар дохили кишвар;<br>-ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни лаёқатманди ихтисосҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ дар ширкатҳои пешқадами суғуртавии дохилию хориҷӣ.<br>Бояд қайд кард, ки айни замон ин санад дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, рузҳои наздик тасдиқ карда мешавад. Дар баробари тасдиқи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур татбиқи он аз тарафи Вазорати маориф, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Агентии хизмати давлатӣ, Хадамоти давлатии назорати суғурта бо ҷалби шарикони рушд ва бахши хусусӣ мунтазам таъмин карда мешавад. | |
| 3.Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ҷиҳати дар моҳи октябри соли 2014 гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони Тоҷикистон ва сармоягузорони хориҷие, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд, Кумитаи тадорукот таъсис дода, барои дар сатҳи баланд доир намудани чорабинии мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд. | Соли 2014 | ***Иҷро шудааст.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур **14 октябри соли 2014** дар Маҷмааи давлатии Кохи Борбади шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон доир гардид.<br>Дар чорабинии мазкур зиёда аз 2 ҳазор нафар соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, бонкҳои ҷумҳурӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидор, олимону коршиносони варзида, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.<br>Зимни мулоқот масъалаҳои беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, нақши муассири бахши хусусӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ободонӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар, таҳким бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ гардиданд.<br>Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба суолу дархостҳои сершумори соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, ки аз гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон ва аз кишварҳои хориҷӣ ба ин мулоқот ҳозир шуда буданд, посуххои қаноатманд дод. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Дар суханронии худ соҳибкорон, намояндагони шарикони рушд ва бахши хусусӣ аз роҳбарияти ҳукумату давлат дар самти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ибрози назар намуда, ҳамзамон ҷиҳати вусъат бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ андешаҳои худро баён намуданд.<br>Дар анҷоми мулоқот Президенти кишвар аз иштироки фаъолонаи соҳибкорон дар баррасии масъалаҳои матраҳгардида изҳори қаноатмандӣ намуда, вобаста ба таклифу пешниҳодҳои судманди иштироккунандагони мулоқоти мазкур ба мақомоти дахлдори марказӣ ва маҳаллӣ супоришҳои дахлдор дода, онҳоро вазифадор намуд, ки ҳамаи бароммадҳои иштироккунандагонро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор диҳанд ва баҳри дар амал татбиқ намудани дархостҳои асоснокгардида тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар натиҷаи мулоқот Нақшаи чорабиниҳои он қабул карда шуд, ки аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст.<br>**Рӯзи 15-уми октябри соли 2014** дар бинои Китобхонаи миллӣ Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории “Душанбе-2014” таҳти унвони «Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт» баргузор гардид.<br>Дар форуми мазкур беш аз 500 нафар соҳибкорону сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, намояндагони дипломатии кишварҳои дунё, олимону коршиносони варзида, корхонаҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидори пуриқтидор, роҳбарони як қатор мақомотҳои давлатӣ иштирок намуданд.<br>Ҳадаф аз ин баргузории ин Форум, пеш аз ҳама, мусоидат ба беҳтар намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ дар байни соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар чунин соҳаҳо ба монанди энергетика, саноат, инфрасохтор, фаъолияти бонкӣ, молия, кишоварзӣ ва сайёҳӣ, ки ба навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми маҳалӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазиру ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ ва рушди имкониятҳои содиротии мамлакат равона карда шудааст, маҳсуб меёбад.<br>Чорабиниро Президенти мамлакат ифтитоҳ намуда, оид ба нақши назарраси бахши хусусӣ дар ободонӣ ва рушди иқтисодии мамлакат, ислоҳоти | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | татбиқнамудаи ҳукумат, имкониятҳои воқеӣ ва захиравии таъминкунандаи рушди устувор, аз қабили захираҳои фаровони гидроэнергетикӣ ва оби тоза, захираҳои зеризаминӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ибрози назар намуда, таҳким бахшидани ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар самтҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, туризм, нақлиёту коммуникатсия сухан ронданд.<br>Дар ифтитоҳи форум инчунин роҳбарони ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ суханронӣ намуданд.<br>Сипас кори форум дар бахши пленарии "Тоҷикистон-стратегияи рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат" таҳти сарварии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода шуд.<br>Дар бахши пленарии мазкур ҷиҳати имкониятҳо ва дурнамои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, ҳамкории минтақавӣ ва алоқаи байниҳамдигарӣ, афзалиятҳои асосии ҳукумати мамлакат дар самти бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ, сиёсат ва ислоҳоти асосии ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидаткунанда, соддагардонии расмиёт барои сармоягузорон, усулҳои инноватсионии танзими соҳибкорӣ дар мақомоти андоз, бартараф намудани монеаҳои рушди тиҷорати байналмилалӣ барои соҳибкории хурд ва миёна, аз ҷумла танзими гумрукӣ ва воридшавӣ ба СУС роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва намояндагони як қатор созмону ширкатҳои байналмилалӣ баромад карданд.<br>Ҳамчунин, кори форум дар 5 бахши алоҳида ба роҳ монда шуда, дар ин бахшҳо иштирокчиёни форум вобаста ба мавзуъҳои рушди низоми устувори молиявӣ, сармоягузориҳо ба бахши энергетика, рушди соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ тавассути соҳибкорӣ, сармоягузориҳо ба коммуникатсияҳои нақлиётӣ, имкониятҳо ва бартариятҳои рақобатии соҳаи агробизнес маърӯза ва баромадҳои худро пешниҳод намуданд.<br>Форум таҳти роҳбарии умумии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид ва дастгирии молиявии Бонки Аврупоии Таҷдид ва рушд ва дигар шарикони рушди Тоҷикистон баргузор карда шуда, дар раванди он як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум ба имзо расонида шуданд ва дар анҷоми форум натиҷаҳои кор ҷамъбаст гардида, санади ниҳоии Форум қабул карда шуд. | |
| 4. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва молия | Соли 2014 | ***Иҷро шудааст.*** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| чиҳати то охири нуҳмоҳаи соли ҷорӣ ба анҷом расонидани расмиёти шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961 тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, аз натиҷааш ахборот пешниҳод намоянд. | | Вазорати корҳои хориҷӣ бо мақсади иҷрои банди мазкур дар якҷоягӣ бо Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани талаботи таъйиди ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961” мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, назди Вазорат вобаста ба масъалаи мазкур гуруҳи корӣ таъсис дода шуд.<br>Дар баррасии Гуруҳи корӣ масъалаҳои қабули санади маъёрию ҳуқуқӣ барои татбиқи Конвенсияи мазкур, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои амалкунанда, муайян намудани мақомоти ваколатдор ва андозаи пардохти хироҷи консулӣ, ташкил ва пешбурди реестри электронии марказонидашуда ва дигар масъалаҳои вобаста ба татбиқи Конвенсия, қарор дода шуда, тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.<br>Дар натиҷа санаи 29 октябр Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Конвенсияи Гаагаро (Конвенсияи Апостил - оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ) ба тасвиб расонд. 20 феврали соли 2015 Номаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур ба Вазорати корҳои хориҷии Шоҳигарии Нидерланд супорида шуд. | |
| 5. Бонки миллӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва бо ҷалби шарикони рушд дар ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии баҳогузорӣ, рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро дар соли ҷорӣ ташкил намуда, аз натиҷааш ахборот манзур намояд. | Соли 2014 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Бо мақсади иҷрои супориши мазкур Бонки миллии Тоҷикистон бо агентиҳои рейтингии бонуфузи ҷаҳонӣ Standard & Poor’s ва Moody’s ҳамкорӣ ба роҳ монда, аллакай дар ин самт корҳои назаррасеро анҷом додааст.<br>Аз ҷумла, коршиносони агентиҳои мазкур бо даъвати Бонки миллии Тоҷикистон моҳҳои октябр-ноябри соли 2014 ба Тоҷикистон сафари корӣ анҷом дода, бо вазоратҳову идораҳои иқтисодӣ мулоқотҳои корӣ анҷом доданд. Дар доираи барнома бо Вазорати молия, рушди иқтисод ва савдо, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БДА ҶТ “Амонатбонк” мулоқотҳои корӣ анҷом дода, вобаста ба қонунгузорӣ, вазъи низоми молиявӣ, самтҳои стратегии рушди Тоҷикистон ва дигар маълумоти зарурӣ дастрас намуданд. Ин маълумот дар айни замон, мавриди таҳлили коршиносони агентиҳои рейтингӣ қарор дорад.<br>Зимнан, аз рӯи омӯзиш ва таҳлил мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, ки тибқи дастур ҳамоҳангсозии робитаро бо ширкатҳои агентӣ доранд, мукотиба, муколама ва муҳокимаи корӣ давом дорад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси талаботи шартномаҳои баимзорасида, бо ин агентиҳо вобаста ба дархости онҳо ҳамкориро анҷом дода, айни ҳол коргузорӣ дар марҳилаи омодакунии ҳисобот, ки то моҳи май-июни соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, қарор дорад. | |
| 6. Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология ва дигар вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурухи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намоянд. | Соли 2015 | ***Иҷро шудааст.*** Бо мақсади иҷрои банди мазкур дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва дастгирии шарикони рушд таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст. То имрӯз гурӯҳи кории мазкур дар доираи фаъолияти худ як қатор ҷаласаҳои гуруҳи корӣ доир намуда, таҳлили амиқи мушкилоти ҷойдоштаро дар соҳаҳои саноати истироҷ ва коркарди ашёи хоми маҳалӣ то ба маҳсулоти тайёр гузаронида истода, тавсияҳои мушаххасро вобаста ба бартараф намудани онҳо омода намудааст. Аз ҷумла аз ҷониби гурӯҳи корӣ Ҳисобот бо тавсияҳои мушаххас ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ таҳия гардида, ба ҷаласаи 15-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад. | |
| 7. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузоришҳои Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ва Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти татбиқи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014» пешниҳод | Соли 2014 | ***Иҷро шудааст.*** Бо мақсади иҷрои банди мазкур ба ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузориши Раиси Шӯрои машваратии минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон таҳия ва пешниҳод карда шуда, маърузаи Раиси Шӯрои машваратии минтақавӣ дар ҷаласа шунида шуд.<br>Вобаста ба рафти татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014 маърузаи Раиси Кумитаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 14-уми Шӯро шунида шуд. Қайд карда шуд, ки ҷиҳати татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014 корҳом муайян ба анҷом | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| карда шаванд. | | расонида шудаанд, аммо бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои муҳим, аз ҷумла Равзанаи ягона барои гирифтани иҷозат ҷиҳати оғози корҳои сохтмонӣ ҳоло ҳам ташкил наёфтааст. | |
| 8. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:<br>а) ҷиҳати баланд бардоштани малакаи тахассусии бахши хусусӣ ва созмонҳои соҳибкорӣ, забондонӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон, аз ҷумла дар таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, таҳлили масъалаҳои мубрами фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ дастгирии умумии бахши хусусӣ кӯмакҳои худро васеъ намоянд;<br>б) фаъолияти худро дар самти дастгирии татбиқи ислоҳоти амалишаванда, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои туризм ва суғурта, ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва баланд бардоштани мавқеи ҷумҳурӣ дар рейтингҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд;<br>в) вобаста ба татбиқи пурсамари Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта, аз ҷумла такмили сохтори институтсионалии бахши суғурта ва таъсиси Ассосиатсияи миллии ширкатҳои суғуртавӣ тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисоси соҳаи суғурта бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ | мунтазам | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо дастгирии шарикони рушд ҷиҳати баланд бардоштани малака ва савияи дониши соҳибкорон курсҳои бозомӯзӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ корҳои назаррасеро амалӣ намуда истодааст:<br>- Аз ҷониби Котиботи Шӯро бо дастгирии шарикони рушд мизи мудаввар оид ба муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 майи 2014 таҳти № 301 тасдиқ карда шудааст, баргузор гардид.<br>- Ҳамзамон, Кумита бо дастгирии техникии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон дар ноҳияҳои минтақаи Рашт бо соҳибкорон оид ба ислоҳотҳои самти дастгири ва рушди соҳибкорӣ дар моҳҳои август-сентябри соли ҷорӣ семинар-машваратҳоро доир намуд.<br>- Ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи байналмилалии Тоҷикистон низ бо шарикони рушд ҳамкориҳои муфид ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 3 майи соли 2014 таҳти №300 тасдиқ гардид, ки татбиқи самараноки он ба боз ҳам беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва шароити пешбурди соҳибкорӣ дар мамлакат таконе хоҳанд бахшид.<br>- Вобаста ба ин, ҳамкориҳо бо ҳайати ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ густариш ёфта, ба ҳайати мазкур оид ба ислоҳоте, ки ба беҳтар гардидани мавқеи Тоҷикистон дар ин ҳисобот таъсири мусбӣ мерасонад, маълумоти муфассал пешниҳод карда шуданд. Инчунин рӯйхати пурсидашавандагон (респондентҳои ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”) | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| мусоидат намоянд; | | тачдиди назар карда шуда, ба онҳо соҳибкорон ва созмонҳои соҳибкории нав ворид карда шуданд. Ин тадбирҳо имконият медиҳад, ки мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ батадриҷ беҳтар карда шавад.<br>- Ҳамчунин ҳамкориҳои самаранок бо коршиносони Бонки ҷаҳонӣ дар самти таҳлили вазъи рушди бозори суғурта, аз ҷумла таҳия ва пешниҳоди Ҳуҷҷати барномавии Бонки Ҷаҳонӣ “Масъалаҳои асосии бахши суғуртаи Тоҷикистон”, иштирок дар фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” дар таҳрири нав 9ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи суғурта, татбиқи нақшаи чорабиниҳо дар ин самт ба роҳ монда шудааст.<br>- Дар доираи фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ҳамкории самаранок бо Бонки KFW ва ширкати Grant Tprornton, Котиботи ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон низ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла аз ҷониби ширкати Grant Tprornton бо дастгирии молиявии бонки KFW таҳлили рушди биржаи фонди дар Тоҷикистон гузаронида шуда, муаррифӣ намуд. | |